Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)

# ТАҚРИЗИ

**муқаррizи расмӣ ба рисолаи илмии Давлатзода Комрон Давлат дар мавзуи «Масъалаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии муқовимат бо киберҷиноятҳо: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст:**

Рисолаи илмии Давлатзода Комрон Давлат дар мавзуи «Масъалаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии муқовимат бо киберҷиноятҳо: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ ба ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2021, №7 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

**Мубрамии мавзуи диссертатсия:**

Таърихи даҳсолаҳои охир дар муқоиса бо дигар намудҳои ҷиноятҳои фаромиллӣ аз афзоиш ёфтани ҷиноятҳо бо истифодаи аз технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ шаҳодат медиҳад. Бояд қайд намуд, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ соҳаи иттилоот на танҳо ба майдони ҳамкориҳои байналмилалӣ, балки ба майдони мухолифат низ табдил ёфтааст, ки аз афзоиши эҳтимолии фаъолияти киберҷиноятҳо шаҳодат медиҳад.

Қобили зикр аст, ки дар айни замон технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии электронӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт ҷорӣ шуда, ба манфиат ва такмили кори ин соҳаҳои ҳаётан муҳим истифода мешаванд.

Чунин технологияҳо ба тарзи зиндагӣ, таҳсил ва кори одамон таъсири мусбат мерасонанд. Маврид ба зикри хос аст, ки дар миёнаи асри XXI захираҳои иттилоотӣ ба сарвати миллӣ табдил ёфта, самаранокии истифодаи онҳо қудрати иқтисодии ҳар як кишварро муайян карда, ин гуна ҷиноятҳо, на танҳо ба амнияти миллии ҳар як давлат, балки масъалаҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии аҳолиро низ таҳти хатари ҷиддӣ қарор медиҳад. Имрӯз киберҷиноятҳо дар кишварҳои Осиёи Марказӣ яке аз хатарноктарин навъҳои ҷиноят ба шумор меравад. Ҳамлаҳои киберӣ метавонанд дар сатҳи маҳаллӣ, миллӣ ва ҳатто байналмилалӣ зарари ҷиддӣ расонанд. Зеро ҳамлаҳои киберӣ нисбат ба ҷамъоварии маълумоти ғайрифаъол, ҳадафҳои ҷиддитарро дунбола карда метавонанд ва объекти киберҷиноятҳо метавонанд маълумоти молиявӣ ва махфӣ, таҷҳизоти идоракунии асбобҳои кайҳонӣ, неругоҳҳои атомӣ, комплексҳои ҳарбӣ ва ғайра бошанд.

Технологияҳои иттилоотӣ барои рушди иқтисоди ҷаҳонӣ ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ аҳаммияти ҳаётан муҳим пайдо кардаанд. Сарфи назар аз бартариҳои зиёди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии электронии муосир онҳо шароити наверо фароҳам овардаанд, ки ба содир намудани ҷиноятҳо дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ таъсир мерасонанд. Аз эҳтимол дур аст, ки ҳаётро бидуни компютер, интернет ва алоқаи рақамӣ тасаввур кард. Ба таври васеъ ҷорӣ намудани технологияи иттилоотӣ ба тамоми соҳаҳои ҳаёти инсон таъсири калон расонида, ба инсоният имкониятҳои нав пайдо мекунад. Аммо, дар баробари ин, ба истилоҳ иттилоотсозӣ як қатор мушиклоти навро низ ба бор меорад. Ҳамин тавр, дар баробари ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ табодули ҷинояткорӣ ба амал омада, гузариши он ба фазои маҷозӣ мушоҳида мешавад. Лозим ба ёдоварист, ки сарфи назар аз теъдоди нисбатан зиёди нашрияҳои илмӣ дар самти киберҷиноятҳо, ки

нисбатан кирдорҳои нав ба ҳисоб мераванд, ҳанӯз ҳам ба омӯзиши иловагӣ ниёз доранд.

Даромади ҷинояткорони марбут ба истифодаи ғайриқонунии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (минбаъд ТИК) дар ҷаҳон пас аз тиҷорати моводи мухаддир ва силоҳ дар ҷойи сеюм қарор дорад. Ин ба пайдоиши як намуди нави фаъолияти ҷиноятӣ, аз қабили киберҷиноятҳо, ки дар марҳалаи ҳозира ба сатҳи хеле баланд расидааст, мусоидат намуд. Ҳамчунин, қобили зикр аст, ки рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ ва фазои маҷозӣ генезиси доимии киберҷиноятҳоро асоснок намуда, зарурати таваҷҷуҳи ҷиддиро ба ин самт ҳам аз ҷониби давлат ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ҳам ҷомеаи илмӣ тақозо мекунад. Имрӯз киберҷиноятҳо як мушкилоти ҷиддӣ ба ҳисоб рафта, метавон афзоиши босуръати киберҷинояткориро дар тамоми бахшҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ қайд намуд. Дар баробари ин бояд қайд кард, ки дар аксарияти ҳолатҳо ҷабрдидагони ин ҷиноятҳо ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мурочиат намекунанд. Бо вуҷуди шумораи зиёди ҷиноятҳо бо истифода аз ТИК дар қонунгузории ҷиноятии ИДМ мафҳуми «киберҷиноятҳо» вуҷуд надорад, ки ин на танҳо барои таҳияи чораҳои ҳуқуқии мубориза бар зидди ин навъи ҷиноят дар сатҳи миллӣ, балки барои ҷамъоварии маълумоти муқоисашавандаи оморӣ, рушди системаи ягонаи баҳисобгирӣ, дар сатҳи ҷаҳонӣ хеле муҳим аст. Истилоҳи «киберҷиноятҳо» ҳоло дар баробари истилоҳи «ҷиноятҳои компютерӣ» истифода мешавад ва аксар вақт ин мафҳумҳо ҳамчун синоним истифода мешаванд. Воқеан, ин истилоҳот ба ҳамдигар хеле наздиканд, вале синоним нестанд. Лозим ба ёдоварист, ки мафҳуми «киберҷиноятҳо» нисбатан васеътар буда, ҳам бо истифодаи компютерҳо ва ҳам бо истифода аз шабакаҳои ҷаҳонии интернет содир мешаванд, аммо «ҷиноятҳои компютерӣ» танҳо ба ҷиноятҳое дахл дорад, ки бар зидди компютерҳо ё иттилооти компютерӣ содир мешаванд. Имрӯз ҳеҷ кас ба

мавҷудияти чунин намуди махсуси ҷиноят шубҳа намекунад, гарчанде ки ҳанӯз дар солҳои 1990-1991 олимони соҳа мавҷудияти «ҷиноятҳои компютерӣ»-ро «ҳамчун ҷинояти мушаххас ба маънои ҳуқуқӣ» рад карданд. Дар адабиёти ҳуқуқӣ оид ба мафҳуми «ҷиноятҳои компютерӣ» ва «киберҷиноятҳо» якчанд нуқтаи назар мавҷуданд. Таҳлили адабиёти илмӣ оид ба мафҳуми «ҷиноятҳои компютерӣ» се нуқтаи назари асосиро муайян мекунад:

– ҷиноятҳои компютерӣ – ҷиноятҳое, ки объект ва ё воситаи содиршаваии ҷиноят худи компютер мебошад;

– ҷиноятҳои компютерӣ – ҷиноятҳое, ки объекти онҳо иттилооти компютерӣ мебошад;

– ҷиноятҳои компютерӣ ба маънои ҳуқуқӣ вуҷуд надоранд.

Аз таҳлили меъёрҳои мазкур бармеояд, ки аксар вақт сухан на дар бораи ҷиноятҳои компютерӣ ҳамчун шакли мушаххаси кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок, ки танҳо объекти (ва субъекти) ба худ хос доранд, балки дар бораи ҷинояти компютерӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ва ҳуқуқии ҷиноятӣ, ки системаи ҷиноятҳои дорои хусусияти мукаммал мебошад, меравад. Аз ин рӯ, дар доираи мафҳуми ҷиноятҳои компютерӣ, дар маҷмуъ, бояд танҳо амалҳои барои ҷиноятҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ хавфнокро, ки бо истифодаи ғайриқонунии иттилооти компютерӣ ва объекти онҳо бо иттилоот алоқаманданд, фаҳмида шавад.

Дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда муаллиф хулосаи рисоларо таҳия кардааст, ки дар он натиҷаҳои таҳқиқоти илмии диссертатсионӣ, ки ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ доранд, пешниҳоду тавсияҳои муаллиф дар ҳар як боб ва зербобҳо аз рӯйи мазмун ва моҳияти рисолаи илмӣ дар маҷмуъ инъикос ёфтаанд, ифода гардидааст. Ҳамзамон, муаллиф дар робита ба рисолаи илмӣ автореферантро тибқи талаботи муқарраргардида таҳия кардааст, ки онҳо байни ҳам мутобиқати дохилию мантиқӣ доранд.

Андешаҳои болозикр аз мубрам будани мавзуи таҳқиқоти илмӣ шаҳодат медиҳанд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия ба дастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд:**

1. Дар рисолаи илмӣ проблемаҳои назариявӣ ва амалии киберҷиноятҳо мавриди таҳқиқ қарор гирифта, зикр карда шудааст, ки «киберҷиноятҳо» аз ҷониби кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва олимони соҳа васеъ истифода шудааст, гарчанде ки дар аввал барои ин ягон заминаи криминологӣ ва ҳуқуқӣ вуҷуд надошт.

Як гурӯҳи коршиносон аз Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва Рушд (OECD) дар соли 1986 таърифи криминологии киберҷиняотҳоро ба маънои «ҳама гуна рафтори ғайриқонунӣ, ғайриахлоқӣ ё беиҷозат, ки ба коркард ва ё интиқоли маълумот таъсир мерасонад», пешниҳод кардаанд. Солҳои 80-уми асри XX дар як қатор кишварҳои ғарбӣ чунин навъҳои киберҷиноятҳо, аз қабили қаллобии интернетӣ ва тамаъҷӯӣ дар фазои маҷозӣ ривоҷ ёфт. Таҳлили инкишофи босуръати технологияи муосир шаҳодат медиҳад, ки афзоиши ҷинояткории муташаккил бо истифодаи воситаҳои электронӣ, ки яке аз онҳо компютер мебошад, хеле зиёд, гардидааст. Системаҳои молиявии ҷаҳон бештар ба коркарди компютерии маълумот ва технологияҳои нави иттилоотӣ такя карда, бо пешрафти технология шумораи зиёди ҷкишварҳо ба шабакаҳои иттилоотии электронии компютерии муосир пайваст мешаванд. Даҳсолаи охири асри XX ва аввали асри XXI дар адабиёти илмӣ бо рушди босуръати технология, махсусан технологияҳои иттилоотӣ тавсиф мешавад, ки дар сохтори ҷомеаи муосир ва муносибатҳои дохилӣ он таъсири назаррас гузоштааст. Дар ин давра дар кишварҳои аз ҷиҳати саноат пешрафта таносуби нав дар соҳаи шуғли аҳолӣ ташаккул ёфт, зеро ҳоло зиёда аз нисфи аҳолии қобили меҳнат ба соҳаҳое рост меояд, ки бевосита бо қабул ва коркарди иттилоот алоқамандaнд. Алакай дар

ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта ҳаҷми маблағҳое, ки дар натиҷаи фурӯши маълумотҳои компютерӣ ба даст оварда шудаанд, ба таври назаррас зиёд гардид, аз ҷумла дар Ҷопон 8 миллиард доллар, дар ИМА 30 миллиард доллар. Қайд кардан ба маврид аст, ки фаъолияти киберҷинояткорон танҳо бо кӯшиши ба даст овардани маблағҳои ғайриқонунӣ маҳдуд нагардида, ин категорияи ҷинояткорон барои даромадҳои ғайриқонунии худро зиёд намудан ба соҳаи иқтисодии давлатҳои ҷаҳон таъсири худро мерасонанд (саҳ. 34-36 диссертатсия).

2. Дар рисола хулоса карда шудааст, ки киберҷиноятҳо бояд ҳамчун ҷиноятҳое фаҳмида шаванд, ки ба муносибатҳои гуногуни иҷтимоӣ зарар расонида, ба таври фосилавӣ бо истифода аз воситаҳои гуногуни техникӣ ва шабакаи иттилоотию телекоммуникатсионии электронӣ дар фазои маҷозӣ содир мешаванд. Ин таъриф мафҳуми «киберҷиноятҳо»-ро тавассути хусусиятҳои ҳатмии он, аз қабили воситаҳо (фазои маҷозӣ) ва усул (усули дурдаст) ошкор мекунад. Киберҷиноятҳо ин маҷмуи ҷиноятҳое, ки дар фазои маҷозӣ тавассути воситаҳои гуногуни техникӣ ё шабакаҳои компютерӣ, инчунин дигар воситаҳои дастрасӣ ба фазои маҷозӣ, дар дохили системаҳо ё шабакаҳои компютерӣ содир шуданд, дар бар мегирад. Аз ин лиҳоз, иттилоот дар ҳаёти ҷомеа ҳамеша нақши муҳим мебозад, зеро дар айни замон нақш ва арзиши захираҳои иттилоотӣ бо сабаби сифатан фарқ кардани онҳо аз дигар захираҳои табиӣ, ашёи хом, энергетика ва дигар захираҳои истеъмолнамудаи инсон ба маротиб меафзояд. Иттилоот ягона намуди захираест, ки инсоният онро исроф намекунад, балки ҷамъ менамояд (саҳ. 66-67 диссертатсия).

3. Дар пешниҳоди дигар муаллиф иброз менамояд, ки ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоотии компютерӣ, ҳамчун намуди киберҷиноятҳо метавонад оқибатҳои дигари вазнинтарро ба бор орад, бинобар ин, қисми 3-юми моддаи 301 КҶ ҶТ дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

1) дастрасии ғайриқонунӣ ба иттилооти компютерӣ, агар ин кирдор боиси нобудшавӣ ва ё басташавии иттилоот гардида бошад;

2) ҳамин кирдор аз ҷониби шахсе, ки аз мақоми хизматиаш истифода мебарад, инчунин аз ҷониби шахсе, ки ба компютер, системаи компютерӣ ё шабакаи онҳо дастрасӣ дошта бошад, содир гардида бошад.

Дар воқеъ, истифодаи ваколатҳои мансабӣ ё касбии шахс имкони ғайриқонунӣ эътироф намудани дастрасӣ ба иттилооти компютериро истисно намекунад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳуқуқи шахс барои дастрасӣ ба иттилооти дар компютер буда хусусияти умумӣ надошта, танҳо дар робита бо асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ба вуҷуд меояд (саҳ. 409-410 диссертатсия).

4. Муаллиф дар рисола ташаббусҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар таъмини амнияти иттилоотӣ аз ҳамлаҳои киберӣ ва муқовимат бо киберҷиноятҳо ба ду давра ҷудо намудааст:

– марҳила аввал, ин солҳои аввали ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ, соли 1992 дар ш. Тошканди Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба имзо расидани «Созишнома дар бораи таъмини воситаҳои рақамӣ ва амнияти иттилоотӣ» (солҳои 1992–2000) ифода мегардад;

– марҳилаи дуюм, ин аз 1-уми июни соли 2001 дар шаҳри Мински Ҷумҳурии Белорус имзои «Созишнома дар бораи ҳамкории давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар мубориза бар зидди ҷиноятҳо дар соҳаи иттилооти компютерӣ» ва қабули як қатор консепсия ва барномаҳо ҷиҳати татбиқи созишномаҳои ба имзорасида дар муқовимат бо киберҷиноёҳо (солҳои 2001-2023).

5. Муаллиф дуруст зикр менамояд, ки киберҷиноятҳо бори аввал, тахминан, дар охири солҳои 60-ум ва ибтидои солҳои 70-ум ба соҳаи назорати иҷтимоии як қатор кишварҳои хориҷӣ, ки технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ дар бахшҳои гуногуни ҷомеа хеле маъмул буд, ворид гардид. Дар тули 15-20 соли охир дар натиҷаи

компютеркунонии фаъолияти идоракунӣ ва молиявию тиҷоратӣ намудҳои нави ҷиноятҳо пайдо шуданд, ки дар асоси таҷрибаи истилоҳоти ҳуқуқии хориҷӣ ҳамчун киберҷиноятҳо маъруф гардида, ин гуна ҷиноятҳо бо мурури замон ба таври назаррас барзиёд содир шуда, аз доираи назорати мақомоти ваколатдори мақомоти ҳифзи ҳуқуқ берун рафтааст. Яке аз пурқувваттарин ниҳоди рушд ва паҳншавии киберҷиноятҳо шабакаи ҷаҳонии интернет гардид. Интернет ба далели дастрас будан ва паҳншавии босуръаташ ба фазои мусоид барои содир кардани ҷиноятҳои гуногун табдил ёфтааст (саҳ. 40–44 диссертатсия).

6. Дар рисола муаллиф пешниҳод менамояд, ки киберҷиноятҳо, он кирдорҳои барои ҷамъият хавфноке, ки боби 28 КҶ ҶТ ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ (ғайриқонунӣ даромадан ба иттилоотии компютерӣ, тахриби компютерӣ, тағйир додани иттилоотии компютерӣ, ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоотии компютерӣ, тайёр кардан ва ба соҳибии каси дигар додани воситаҳои махсус барои ғайриқонунӣ даромадан ба системаи ё шабакаи компютерӣ, таҳия, истифода ва паҳн кардани барномаҳои зараровар ва вайрон кардани қоидаҳои истифодаи система ё шабакаи компютерӣ) муқарар кардааст ва ҷиноятҳое, ки тавассути воситаҳои гуногуни техникӣ содир мешаванд, ифода гардад.

7. Таҳаввулоти вирусҳои компютериро ҳамчун воситаи содиршавии киберҷиноятҳо муҳақиқ ба чунин марҳилаҳо ҷудо менамояд: марҳилаи пайдоиши аввалин вирусҳои компютерӣ, ки аввали солҳои 1970 ва ибтидои солҳои 1980-ро дар бар мегирад; пеш аз пайдоиш ва рушди шабакаи умумиҷаҳонии Интернет (миёнаҳои соли 1980 то соли 1992). Марҳилаи пайдоиши вирусҳои классикӣ, ки барои фаъолият дар системаи оператсионии MS-DOS мутобиқ карда шудаанд; аввали соли 1992 ва ибтидои солҳои 2000-ум. Марҳилаи пайдоиши навъҳои гуногуни вирусҳои компютерӣ, ки тавассути Интернет паҳн шуда, зарари бузурги моддӣ меоварданд; марҳилаи муосир (аввали солҳои 2000-ум то кунун).

Пайдоиши босуръати намудҳои гуногуни вирусҳои компютерӣ ва истифодаи васеи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва дигар технологияҳои муосир бо мақсади содир намудани киберҷиноятҳо.

8. Ба андешаи муаллиф, зарур аст, ки дар доира ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ, аз ҷумла ИДМ, СПАД, СҲШ ҷиҳати ҳамкории байналмилалии давлатҳо дар муқовимат бо киберҷиноятҳо Маркази муқовимат бо киберҷиноятҳо дар Осиёи Марказӣ, ҳамчун мақоми махсусгардонидашуда таъсис дода шуда, ҳадафи таъсиси он ҷамъоварӣ ва коркарди маълумот оид ба киберҷиноятҳо, гузаронидани арзёбии экспертии таҳдидҳои киберӣ, таҳия ва татбиқи усулҳои пешрафтаи пешгирӣ ва тафтиши киберҷиноятҳо, тайёр намудани кадрҳои нав, мусоидат ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, баланд бардоштани дараҷаи бехатарии фазои иттилоотӣ аз ҳамлаҳои киберӣ дар минтақа ва ҷаҳон, инчунин, ҳалли масъалаи ҳамкории шаффофи онҳо дар самти дастгирии ташкилии муқовимат бо киберҷиноятҳо муқаррар карда шавад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда:**

Дар рисола асосонок карда шудааст, ки имрӯз дар саросари ҷаҳон давлате вуҷуд надорад, ки дар он ҳамлаҳои киберӣ амалӣ нагардида бошанд ва аз ин гуна таҳдидҳо он ба таври кофӣ ҳифз шуда бошад. Ҳамлаҳои муосири киберҷинояткорон ба фалаҷ гардидани фаъолияти муътадили бахши хусусӣ ва ҳам сохторҳои гуногуни давлатӣ оварда мерасонанд. Ҳамзамон, бояд таъкид кард, ки дар шароитҳои кунунии асри XXI як қатор хусусиятҳои нави киберҷиноятҳо ба назар мерасанд, ки яке аз онҳо ба сифати сарчашмаҳои эҳтимолии ҳамлаҳои киберӣ метавонанд ҷинояткорони гурӯҳҳои муташаккил ва созмонҳо баромад кунанд.

Чӣ тавре ки коршиносони Symantec Security (хадамоти байналмилалӣ оид ба таъмини амният аз киберҷиноятҳо) қайд мекунанд, ҳар як сония дар саросари ҷаҳон тақрибан 12 миллион нафар ба ҳамлаҳои киберӣ

дучор мегарданд, дар ҳоле ки ҳамасола дар тамоми кураи замин беш аз 560 миллион ҷиноятҳои хусусияти киберӣ, бо хисороти умумии тақрибан 100 миллиард доллари ИМА ба вуқуъ меоянд. Дастгоҳ ва замимаҳое, ки ба интернет пайвастанд, ба шаҳрвандони алоҳида ва умуман ба ҷомеаи ҷаҳонӣ нафъи калон меоранд. Консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон васеъшавии миқёси киберҷиноятҳоро, пеш аз ҳама, дар соҳаи муносибатҳои қарзӣ-молиявӣ ва амалҳои ғайриқонунӣ, ки ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрвандро поймол мекунанд, тасдиқ менамояд. Сабабҳои ба вуҷуд омадани киберҷиноятҳо гуногунанд: хоҳиши ба даст овардани фоида, манфиатҳои моддӣ, қудратӣ, кӯшиши расонидани зарар ва ғайра. Киберҷиноятоорон чун қоида нисбат ба ҷинояткорони муқаррарӣ найрангтар ҳисобида мешаванд. Онҳо фаъолияти худро ҳаматарафа ба нақша гирифта, онро бо имкониятҳои махсуси техникӣ мукаммал мегардонанд ва бо ин сабаб дар натиҷаи чунин амалҳо манфиатҳои шумораи зиёди қурбониён халалдор мешаванд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки асарҳои нашршудаи муаллифро омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ ва мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқи кишвар, аз ҷумла дар Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи славянии Русия ва Тоҷикистон, Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ, шуъбаи мубориза бо ҷиноятҳои кибернетикии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шуъбаи экспертизаи судии техникаи-компютерӣ ва видео-овозшиносии Маркази ҷумҳуриявии экспертизаи судӣ ва криминалистии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми хондани лексияҳо ва гузаронидани машғулиятҳои семинарӣ (амалӣ) бо донишҷӯён, магистрантҳо ва аспирантҳо, ҳангоми такмили ихтисоси кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ истифода мебаранд.

Тавсияҳои дар диссертатсия овардашуда барои мукаммалгардонии

қоунунгузории амалкунандаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъолияти мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ дар самти муқовимат ба киберҷиноятҳо истифода карда мешаванд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**: Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он ифода мегардад, ки хулосаҳои назариявиро, ки дар натиҷаи таълифи таҳқикоти диссертатсионӣ ба даст оварда шудаанд, метавон дар омӯзиши минбаъдаи масъалаҳои назариявӣ ва амалии киберҷиноятҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар давлатҳои хориҷ истифода бурд. Натиҷаҳои таҳқиқот дар фаъолияти қонунгузорӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (КДАМ, Вазорати корҳои дохилии ҶТ, Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати адлияи ҶТ) ва судҳо метавонанд истифода карда шаванд. Ғайр аз ин, ба мақсад мувофиқ аст, ки натиҷаҳои таҳқиқот ҷиҳати мукаммалгардонии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти таъмини амнияти иттилоотӣ аз ҳамлаҳои киберӣ, дар шароити ҷаҳонишавӣ истифода бурда шавад. Маводи таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонад дар фаъолияти омӯзгорӣ барои таълими фанҳои таълимии «Ҳуқуқи ҷиноятӣ», «Ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ» ва «Криминология», ҳамзамон барои гузаронидани семинарҳо, конфронсҳо ва мизҳои мудаввари илмӣ ва корҳои амалӣ муфид хоҳанд буд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ:** Оид ба муҳтавои диссертатсия муаллиф 28 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 20 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 8 мақола дар нашрияҳои дигар бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ интишор шудаанд. Ҳамчунин, муаллифи 1 воситаи таълимӣ низ мебошад, ки масъалаҳои таҳлилшуда ба мавзуи диссертатсия алоқаманд мебошанд. Ҳамин тавр, ҳаҷми умумии интишороти довталаб зиёда аз 85 ҷузъи чопӣ мебошанд.

Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дарачаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳснок ва ҳалталаби зерин ҷой доранд:**

1. Дар зербоби якуми боби якум муаллифи рисола таҳаввулоти вирусҳои компютериро ҳамчун омили асосии ташаккули киберҷиноятҳо таҳқиқ намуда намуда, қайд менамояд, ки афзоиши босуръати шумораи «вирусҳои компютерӣ» дар тули 15 сол (аз соли 1992 то 2007) тақрибан 2 миллион ададро ташкил намуда, дар соли 2008 алакай 15 миллион, соли 2009 шумораи онҳо ба 33 миллион ва дар соли 2022 33 412 568 вируси нави компютерӣ ҳамчун омили асосии содиршавии киберҷиноятҳо ошкор шудааст (саҳ. 45-49 диссертатсия). Аз нуқтаи назари илмӣ таҳлили чунин масъала баҳснок буда, мувофиқи мақсад мебуд, ки таҳқиқи масъалаи мазкур, яъне маълумотҳои оморин пешбинигардида на танҳо то соли 2022, балки мушаххасан давраи аввали соли 2024-ро фаро мегирифт.

2. Диссертант дар таҳлили зербоби сеюми боби 5 иброз менамояд, ки бо мақсади пешгирӣ ва огоҳонидани киберҷиноятҳо Маркази ягонаи коммутатсионии алоқаи барқии (бо қарори Ҳукумати мамлакат, аз 30-юми декабри соли 2015, таҳти №765, дар сохори Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудааст) Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои дохилии ҶТ, дар шароити ҷаҳонишавӣ, инчунин, компютеркунонии босуръати тамоми бахшҳои ҳаётан муҳим бо мақсади таъмини амнияти иттилоотӣ аз ҳамлаҳои киберӣ дар мамлакат, ичунин, истифодаи Интернети барои шаҳрвандон ва иқтисодиёт бехатар зарур аст, дастрасиро ба сомонаҳо ва захираҳои дигари иттилоотӣ, аз ҷумла сомона ва барномаҳои интернетӣ, ки ба паҳн намудани ҳама гуна иттилоот бар зидди асосҳои сохтори конститутсионӣ, амнияти шахсӣ, ҷамъиятӣ,

давлатӣ, иттилоот дар бораи маҳдуднамоии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, барангехтани кинаю адовати динию мазҳабӣ ё низои миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ, паст задани шаъну эътибори миллӣ, тарзи омодасозӣ ва тарғиби маводи нашъаовар, тарканда ва маводи дигари заҳролудкунанда, ба содир намудани ҷиноят ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ равонагардида, хусусияти экстремистию террористидошта, порнография, аз ҷумла порнографияи кӯдакона, инчунин паҳн намудани ҳама гуна маълумот, ки бо санади судии эътибори қонунӣ пайдонамуда ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ кардааст, маҳдуд намоянд, (саҳ. 392-393 диссертатсия).

Бояд қайд намуд, ки бо дарназардошти ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд диссертантро зарур буд, ки бобати маҳдуд намудани воситаҳои мазкур андешаҳояшро таҳқим мебахшид.

3. Муаллиф дар зербоби дуюми боби чорум, тарафи объективии ҷиноятҳоеро, ки бо истифода аз воситаҳои гуногуни техникӣ содир мешаванд (мактуби фишингӣ, кибертаъқиб, дуздии онлайнии маълумоти шахсӣ) ба риштаи таҳлил кашидааст. Муҳақиқро зарур буд, ки пеш аз оне, ки тарафи объективии ҷиноятҳоеро, ки бо истифода аз воситаҳои гуногуни техникӣ содир мешаванд, баррасӣ намуда, нахуст мафҳуми «мактуби фишингӣ», «кибертаъқиб», «дуздии онлайнии маълумоти шахсӣ»-ро мушаххас таҳлил менамуд, зеро кирдорҳои зикргардида дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ истилоҳу меъёрҳои нав ифода мегардад ва то ҳол мафҳуми ягонаи онҳо на дар илм ва на дар қонунгузории ҷиноятии кишварҳои хориҷӣ ба тафсил зикр нагардидаанд.

Эродҳое, ки дар боло зикр шуданд, аз лиҳози илмӣ мубоҳисавӣ буда, ба комил будани рисолаи доктории Давлатзода Комрон Давлат таъсири манфӣ намерасонанд. Онҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки масъалаҳои баррасинамудаи муаллиф мубрам буда, метавонанд диққати муҳаққиқонро ба худ ҷалб намояд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия:** Диссертатсияи Давлатзода Комрон Давлат дар мавзуи «Масъалаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии муқовимат бо киберҷиноятҳо: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ба талаботҳои бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат дорад. Диссертатсия кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта буда, аз ҷониби унвонҷӯ мустақилона таҳия шуда, сатҳи навгонӣ ва дар шароити ҷумҳурӣ татбиқшаванда буданро дорад. Натиҷа ва нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда метавонанд дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ, такмили қонунгузорӣ ва раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ ба таври васеъ истифода шаванд, ки онҳо саҳми шахсии унвонҷӯро нишон медиҳанд.

**Қисмати хотимавӣ:**

Аз омӯзиши матни диссертатсия ва автореферати Давлатзода Комрон Давлат дар мавзуи «Масъалаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии муқовимат бо киберҷиноятҳо: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ хулоса баровардан мумкин аст, ки таҳқиқоти довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ пурра ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ ҷавобгӯ мебошад. Натиҷаҳои ба дастовардаи муаллиф барои рушди илмҳои ҳуқуқшиносӣ, ба монанди ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология ва соҳаҳои дигари ҳуқуқ мувофиқу созгор буда, боис мегарданд, ки падидаи мазкур дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ такмил ёбад. Дар маҷмуъ, пешниҳод ва

дастовардҳои муаллиф барои рушди қонунгузорӣ, фаъолияти мақомоти дахлдори давлатӣ ва такмили соҳа аҳаммияти муҳим доранд. Ҳамзамон, хулоса ва натиҷаҳо метавонанд ҳангоми таҳия ва татбиқи барнома, стратегия ва консепсияҳои давлатӣ истифода шаванд. Маводи диссертатсия ҳангоми тадриси фанни ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология ва ҳангоми иҷрои корҳои мустақилона, навиштани рисолаҳои дипломӣ, магистрӣ ва диссертатсияҳо метавонад ба таври васеъ мавриди истифода қарор гиранд, ки ин ҷанбаҳои мусбати кори К.Д. Давлатзодаро нишон медиҳанд. Дар умум, диссертатсияи К.Д. Давлатзода сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

Бояд иброз намуд, ки тақризи мазкур бо дарназардошти бандҳои 71 ва 72 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

**Муқарризи расмӣ:**
профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ,
криминология ва муқовимат бо
коррупсияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқии
Тошканди Ҷумҳурии Ӯзбекистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Салаев Н.С.

Имзои Н.С. Салаевро тасдиқ мекунам:

« 01 » май 2024 с.

O'ZBEKISTON RESPUBLIKASI ADLIYA VAZIRLIGI TOSHKENT DAVLAT YURIDIK UNIVERSITETI
KADRLAR BO'LIMI

**Суроға: 100047, Ҷумҳурии Ӯзбекистон,**
**ш.Тошканд, кӯч. Сайилгоҳ, 35**
**Телефон: +998 71 233-42-09;**
**Факс: +998 71 233-37-48;**
**Почтаи электронӣ: info@tsul.uz**